**Андоз аз арзиши иловашуда**

1) Меъёри андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои содирот ва истифодаи меъёри пасткардашуда, агар ҳамин модда тартиби дигареро муsаррар накарда бошад, **18 фоизи муомилоти андозбандишаванда** ва (ё) **18 фоизи воридоти андозбандишавандаро** (минбаъд – меъёри стандартӣ) ташкил медиҳад (талаботи қ. 1 м. 181 КА ҶТ).

2) То 31 декабри соли 2023 амалиёти андозбандишавандаи андоз аз арзиши иловашуда барои **ичрои корҳои сохтмонӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ бо меъёри 7%**, барои **хизматрасонии таълимӣ ва хизматрасонии муассисаи хусусии тиббӣ бо меъёри 5%** (минбаъд – меъёри пасткардашуда), ба истиснои воридоти андозбандишаванда ва таҳвили минбаъдаи моли воридшуда, инчунин содироти андозбандишаванда, бе баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашудаи пардохтшуда андозбандӣ карда мешаванд (талаботи қ. 2 м. 181 КА ҶТ).

3) Содироти молҳо, ба ғайр аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, алюминийи аввалия, консентрати металлҳо, оҳанпораи металлҳои сиёҳ ва ранга, металлҳои дигари дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, молҳои дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ истеҳсолшуда, пилла, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда бо андоз аз арзиши иловашуда аз рӯи **меъёри сифр андозбандӣ** карда мешавад (м. 172 КА ҶТ).

4) Андоз аз арзиши иловашуда танҳо барои корхонаҳои **коркарди гандум** (ба истиснои воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ) барои воридот, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда бо **меъёри 10%** муқаррар карда шавад. Баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, ки барои хариди молу маҳсулоти дигар (кор ва хизматрасонӣ), ҷиҳати таҳвил ва фурӯши маҳсулоти аз гандуми коркардшуда пардохта шудааст, **наметавонад аз 10 фоиз зиёд бошад** (Қонуни буҷет барои соли 2021).